УДК: 338 DOI: 10.65599/III6713

# НАЗАРИЯҲОИ КЛАССИКӢ ВА МУОСИРИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**С.С. Ниёззода**

Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақола ба омӯзиши асосҳои назариявии амнияти иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои моддии давлатӣ дар партави назарияҳои классикӣ (Тюрго, Смит, Рикардо, Сэй, Маршал, Кейнс) ва муосири иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши захираҳои стратегӣ дар таъмини устувории бозор, коҳиш додани вобастагии хориҷӣ ва пешгирии бухронҳо баррасӣ мешавад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин захираҳо унсури калидии амнияти миллӣ мебошанд ва мероси илмӣ метавонад сиёсати давлатиро такмил диҳад.

***Калидвожаҳо***: *амнияти иқтисодӣ, захираҳои моддии давлатӣ, назарияҳои классикӣ, идоракунии иқтисодӣ, Тоҷикистон.*

# КЛАССИЧЕСКИЕ И СОВРЕМЕННЫЕ ТЕОРИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ РЕСУРСАМИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**С.С. Ниёззода**

Статья посвящена изучению теоретических основ экономической безопасности и управления государственными материальными резервами в свете классических (Тюрго, Смит, Рикардо, Сэй, Маршал, Кейнс) и современных экономических теорий. На примере Республики Таджикистан рассматривается роль стратегических резервов в обеспечении стабильности рынка, снижении внешней зависимости и предотвращении кризисов. Анализ показывает, что эти резервы являются ключевым элементом национальной безопасности, и научное наследие может усовершенствовать государственную политику.

***Ключевые слова:*** *экономическая безопасность, государственные материальные резервы, классические теории, экономическое управление, Таджикистан.*

# CLASSICAL AND MODERN THEORIES OF ECONOMIC SECURITY AND PUBLIC RESOURCE MANAGEMENT IN TAJIKISTAN

**S.S. Niyozzoda**

The article is devoted to the study of the theoretical foundations of economic security and the management of state material reserves in the light of classical (Turgot, Smith, Ricardo, Say, Marshall, Keynes) and modern economic theories. Using the example of the Republic of Tajikistan, the role of strategic reserves in ensuring market stability, reducing external dependence, and preventing crises is examined. The analysis shows that these reserves are a key element of national security, and the scientific heritage can improve state policy.

***Keywords:*** *economic security, state material reserves, classical theories, economic management, Tajikistan.*

## Муқаддима

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши таҳдидҳои геоиқтисодӣ, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ на танҳо устувории рушди иқтисодӣ, балки қобилияти давлатро барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини бозори дохилӣ бо молҳои стратегӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна инъикос менамояд. Дар ин раванд, идоракунии самараноки захираҳои моддии давлатӣ ҳамчун абзори муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва механизми таъмини суботи бозор аҳаммияти махсус касб мекунад.

Дар шароити ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии нархҳои захираҳои энергетикӣ, бухронҳои иқтисодӣ ва офатҳои табиӣ, давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки тавассути ташаккул ва идоракунии захираҳои стратегӣ амнияти иқтисодии худро таҳким бахшанд. Захираҳои моддии давлатӣ имконият медиҳанд, ки давлат дар ҳолатҳои фавқулода ва бухронӣ таъминоти бозорро бо молҳои зарурӣ таъмин намуда, аз болоравии шадиди нархҳо ва норасоии молҳо пешгирӣ намояд. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои назариявии идоракунии захираҳои моддӣ ва нақши онҳо дар низоми амнияти иқтисодӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Мероси назариявии иқтисоддонҳои классикӣ ва муосир - аз ҷумла андешаҳои Тюрго, Смит, Рикардо, Сэй, Маршал ва Кейнс - ба фаҳмиши моҳияти муносибатҳои иқтисодӣ ва нақши давлат дар танзими бозор мусоидат менамоянд. Гарчанде ки ин назарияҳо дар шароити таърихии гуногун ташаккул ёфтаанд, онҳо то имрӯз барои таҳлили масъалаҳои амнияти иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои давлатӣ аҳаммияти назариявӣ доранд. Истифодаи ин таҷрибаи илмӣ метавонад барои такмили сиёсати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои моддии стратегӣ мусоидат намояд.

Объекти тадқиқот низоми таъмини амнияти иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои моддии давлатӣ дар иқтисоди миллӣ мебошад. Предмети тадқиқот муносибатҳои

иқтисодӣ ва механизмҳои идоракунӣ мебошанд, ки дар раванди ташаккул, нигоҳдорӣ ва истифодаи захираҳои моддии давлатӣ ба вуҷуд меоянд.

Мақсади асосии тадқиқот таҳлили асосҳои назариявии амнияти иқтисодӣ ва муайян намудани нақши захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини суботи иқтисодӣ дар асоси назарияҳои классикӣ ва муосири иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: таҳлили назарияҳои иқтисодии классикӣ ва муосир оид ба нақши давлат дар идоракунии захираҳо; муайян намудани аҳаммияти захираҳои моддии давлатӣ дар низоми амнияти иқтисодӣ; ва баррасии таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккул ва истифодаи захираҳои стратегӣ.

**Усулҳои тадқиқот**

Усулҳои тадқиқот маҷмуи усулҳои илмии умумӣ ва махсусро дар бар мегиранд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, усули таърихӣ-иқтисодӣ ва усули умумисозии илмӣ истифода шудаанд. Инчунин, барои асоснок намудани натиҷаҳои тадқиқот таҳлили адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маълумоти омории расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Аҳаммияти илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он масъалаи идоракунии захираҳои моддии давлатӣ дар заминаи назарияҳои иқтисодии классикӣ ва муосир таҳлил гардида, нақши онҳо дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар муайян карда мешавад. Аҳаммияти амалӣ бошад дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ дар самти идоракунии захираҳои стратегӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**Назарияҳои классикӣ ва муосири амнияти иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои давлатӣ дар Тоҷикистон**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Амнияти иқтисодӣ на танҳо устувории рушди иқтисодӣ, балки қобилияти давлатро дар самти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини бозори дохилӣ бо молҳои стратегӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна инъикос менамояд. Дар ин раванд, захираҳои моддии давлатӣ ҳамчун абзори муҳимми танзими бозор ва пешгирии буҳронҳои иқтисодӣ баромад мекунанд.

Омӯзиши мероси назариявии олимони классикӣ ва муосири иқтисодӣ имкон медиҳад, ки моҳият ва аҳаммияти иқтисодии захираҳои моддии давлатӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шавад. Ин мерос ба фаҳмиши амиқи нақши давлат дар идоракунии захираҳо мусоидат намуда, дар шароити кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳаммияти хосса дорад. Масалан, дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, захираҳои стратегӣ барои ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зарур мебошанд.

Анн Робер Тюрго яке аз аввалин олимонест, ки арзиши молу маҳсулотро ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи талаб ва пешниҳод маънидод намудааст. Ба андешаи ӯ, бозор низоми худтанзимшаванда мебошад, аммо танҳо дар ҳолате, ки омилҳои беруна мувозинати онро вайрон накунанд. Дар шароите, ки норасоии молҳои зарурии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, дахолати оқилонаи давлат метавонад ба барқарор намудани тавозуни бозор мусоидат намояд. Тюрго таъкид мекунад, ки давлат бояд захираҳои заруриро барои пешгирии гуруснагӣ ва буҳронҳои нархӣ истифода барад [1].

Дар Тоҷикистон чунин нақшро захираҳои моддии давлатӣ иҷро мекунанд, ки тавассути онҳо давлат имкони ҷуброни норасоии муваққатии пешниҳод ва пешгирии болоравии шадиди нархҳоро дорад. Ин амалия бо назарияи Тюрго мутобиқ буда, ба таҳкими амнияти иқтисодӣ равона шудааст. Масалан, дар солҳои 2020-2022, ҳангоми пандемияи COVID-19, истифодаи захираҳои давлатӣ ба нигоҳдории суботи бозори озуқаворӣ мусоидат кард.

Адам Смит дар асари «Сарвати миллатҳо» рушди иқтисодиро ба озодии бозор, рақобат ва тақсимоти меҳнат мепайвандад. Бо вуҷуди ин, ӯ вазифаҳои асосии давлатро дар се самт муайян менамояд: таъмини амният, адолати судӣ ва иҷрои корҳои ҷамъиятие, ки бозор қодир ба иҷрои онҳо нест. Смит бовар дошт, ки давлат бояд аз дахолати зиёдатӣ худдорӣ кунад, аммо дар ҳолатҳои фавқулодда, ба монанди норасоии молҳои ҳаётӣ, дахолат кунад[2].

Идоракунии захираҳои моддии давлатӣ маҳз ба ҳамин гурӯҳи вазифаҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад. Давлат тавассути захираҳои стратегӣ на рақобатро маҳдуд мекунад, балки шароити устувори фаъолияти бозорро фароҳам месозад. Дар шароити Тоҷикистон, ин раванд ба коҳиш додани хавфҳои иҷтимоӣ ва таъмини суботи бозори дохилӣ мусоидат мекунад. Чунончи, барномаҳои давлатӣ оид ба захираҳои ғалладонагӣ барои пешгирии бӯҳронҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд.

Давид Рикардо таваҷҷуҳи асосиро ба истеҳсолот ва тақсимоти захираҳо равона менамояд. Назарияи ӯ оид ба афзалиятҳои нисбӣ нишон медиҳад, ки вобастагии аз ҳад зиёд аз воридот метавонад мавқеи иқтисодии давлатро заиф созад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани иқтидори истеҳсолии дохилӣ омили муҳимми амнияти иқтисодӣ мебошад. Рикардо таъкид мекунад, ки давлатҳо бояд захираҳои моддиро барои дастгирии соҳаҳои калидӣ истифода барад[3].

Дар Тоҷикистон, захираҳои моддии давлатӣ метавонанд ҳамчун омили дастгирии истеҳсолоти дохилӣ хизмат намуда, вобастагиро аз воридоти молҳои стратегӣ коҳиш диҳанд. Масалан, захираҳои нафтӣ ва маъданӣ барои рушди саноати дохилӣ истифода мешаванд, ки ин ба коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ аз кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунад.

Қонуни бозории Сэй бар он асос меёбад, ки истеҳсолот худ талаброро ба вуҷуд меорад. Аз ин нуқтаи назар, захираҳои моддии давлатӣ на танҳо воситаи тақсимоти мол, балки абзори ҳавасмандгардонии истеҳсолот низ мебошанд. Давлат бо нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо метавонад фаъолияти истеҳсолиро дар соҳаҳои калидӣ фаъол намояд. Сэй бовар дошт, ки ҳар гуна норасоӣ метавонад бо ҳавасмандгардонии истеҳсолот ҳал шавад [4].

Дар ин замина, захираҳои моддии давлатӣ метавонанд на танҳо воситаи таъмини бозор бо молҳои зарурӣ, балки омили фаъолсозии иқтидори истеҳсолӣ бошанд. Вақте давлат захираҳои ашёи хом, тухмӣ, нуриҳо, сӯзишворӣ ё дигар захираҳои стратегиро нигоҳ медорад, ӯ метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ онҳоро ба истеҳсолкунандагон дастрас намояд. Ин амал ба коҳиши хавфҳо, паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани эътимоди соҳибкорон мусоидат мекунад. Дар натиҷа, муҳити мусоид барои рушди истеҳсолот фароҳам меояд.

Ғайр аз ин, истифодаи мақсадноки захираҳо метавонад соҳаҳои афзалиятнокро дастгирӣ намояд. Масалан, агар давлат дар шароити муайян ба хоҷагиҳои кишоварзӣ дастрасии имтиёзнок ба захираҳои тухмӣ ё сӯзишвориро таъмин кунад, ин боиси зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ мегардад. Тибқи мантиқи Сэй, чунин афзоиши истеҳсолот даромади иловагӣ эҷод мекунад ва ҳамин даромад худ талаботро ба дигар молу хизматрасониҳо ба вуҷуд меорад. Бо ин роҳ, давраҳои иқтисодӣ фаъолтар мегарданд.

Дар шароити Тоҷикистон, ки бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои калидии иқтисод мебошад, идоракунии самараноки захираҳои моддӣ аҳаммияти хос дорад. Ташкили захираҳои давлатӣ аз ғалладона, тухмии зироатҳо, нуриҳои минералӣ ва маводи сӯзишворӣ имконият медиҳад, ки истеҳсолкунандагон дар мавсимҳои кишту ҷамъоварӣ бо мушкилоти таъминот рӯ ба рӯ нашаванд. Ин тадбирҳо ба афзоиши истеҳсолоти дохилӣ, кам гардидани вобастагӣ аз воридот ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамоянд. Ҳамин тавр, аз дидгоҳи Сэй, захираҳои моддии давлатӣ метавонанд ҳамчун воситаи таҳкими иқтидори истеҳсолии миллӣ хизмат кунанд. Онҳо на танҳо мувозинати бозорро дастгирӣ мекунанд, балки барои рушду тавсеаи истеҳсолот заминаи устувор фароҳам меоранд.

Алфред Маршал, ҳамчун намояндаи неоклассикон, мувозинати кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати бозорро фарқ мекунад. Захираҳои моддии давлатӣ, тибқи ин равиш, воситаи таъсир ба мувозинати кӯтоҳмуддат буда, барои пешгирии шокҳои нархӣ аҳаммияти махсус доранд. Маршал таъкид мекунад, ки бозорҳо метавонанд дар муддати кӯтоҳ номутаносиб шаванд, ва дахолати давлатӣ зарур аст [5].

Модели мазкур нишон медиҳад, ки захираҳои моддии давлатӣ ҳамчун механизми танзими бозор амал намуда, ба таъмини суботи нархҳо, дастгирии истеҳсолоти дохилӣ ва коҳиш додани хавфҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, ин раванд ба таҳкими амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ оварда мерасонад.

Захираҳои моддии давлатӣ маҷмуи молу маҳсулот, ашёи хом, сӯзишворӣ, маводи озуқаворӣ ва дигар захираҳои стратегӣ мебошанд, ки давлат барои ҳолатҳои фавқулода ва буҳронӣ нигоҳ медорад. Ҳадафи асосии онҳо таъмини амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешгирии норасоии мол ва паст кардани шиддати тағйирёбии нархҳо мебошад. Вақте ки дар бозор норасоӣ ба вуҷуд меояд (масалан, дар натиҷаи хушксолӣ, қатъ шудани воридот ё болоравии ногаҳонии талабот), давлат метавонад тавассути баровардани қисме аз захираҳо пешниҳодро зиёд намояд ва ҳамин тариқ нархҳоро муътадил созад.

Дар дарозмуддат, тибқи назарияи Маршал, бозор тавассути мутобиқшавии истеҳсолот ва сармоягузорӣ ба ҳолати мувозинати нав мерасад. Аммо дар кӯтоҳмуддат бе чунин воситаҳои танзимкунанда хавфи ноустувории иҷтимоӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, захираҳои давлатӣ ҳамчун механизми “ҳамворкунандаи” шокҳои иқтисодӣ баромад мекунанд.

Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисод то андозае ба воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва омилҳои табиӣ вобаста аст, нақши захираҳои моддии давлатӣ махсусан муҳимм мебошад. Масалан, дар солҳои хушксолӣ ё камҳосилӣ захираҳои ғалладона, орд ва дигар маҳсулоти аввалиндараҷа барои таъмини аҳолӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин, захираҳои обӣ ва энергетикӣ (обанборҳо, сӯзишворӣ) барои нигоҳ доштани фаъолияти мунтазами иқтисод аҳаммияти калон доранд. Истифодаи оқилонаи чунин захираҳо ба нигоҳдории суботи иҷтимоӣ, пешгирии болоравии шадиди нархҳо ва ҳифзи сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, захираҳои моддии давлатӣ на танҳо воситаи иқтисодии танзим, балки унсури муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва амнияти миллии кишвар ба шумор мераванд.

Ҷон Мейнард Кейнс дар шароити буҳронҳои амиқи иқтисодӣ, бахусус дар давраи Бӯҳрони Бузурги солҳои 1930-юм, ба хулоса омад, ки иқтисод худ ба худ на ҳамеша ба ҳолати мувозинати пурраи шуғл бармегардад. Дар асари маъруфи худ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» ӯ нишон дод, ки коҳиши талаботи умумӣ метавонад боиси бекорӣ, коҳиши истеҳсолот ва рукуди тӯлонӣ гардад. Аз ин рӯ, ба андешаи Кейнс, давлат бояд нақши фаъолро ба ухда гирифта, тавассути хароҷоти буҷетӣ, сармоягузориҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи захираҳои мавҷуда иқтисодро дастгирӣ намояд[6].

Мувофиқи ин назария, захираҳои моддии давлатӣ танҳо барои ҳолатҳои фавқулода нигоҳ дошта намешаванд, балки метавонанд ба сифати абзори ҳавасмандсозии талабот хизмат кунанд. Масалан, вақте ки давлат захираҳои стратегиро ба муомилот мебарорад ё онҳоро барои татбиқи лоиҳаҳои зерсохторӣ истифода мекунад, он на танҳо бозорро бо мол таъмин менамояд, балки ҷойҳои корӣ эҷод мекунад, даромади аҳолиро зиёд месозад ва гардиши иқтисодиро фаъол мегардонад. Ин раванд боиси ба вуҷуд омадани “таъсири мултипликаторӣ” мешавад, ки Кейнс онро яке аз механизмҳои асосии барқароршавии иқтисод медонист.

Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисод метавонад аз омилҳои беруна - тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ, коҳиши интиқоли маблағҳо ё офатҳои табиӣ - таъсир пазирад, истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ аҳаммияти калон дорад. Масалан, дар давраи коҳиши фаъолиятҳои иқтисодӣ давлат метавонад тавассути татбиқи барномаҳои сохтмони роҳҳо, иншооти энергетикӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии бахши кишоварзӣ талаботи дохилиро тақвият бахшад. Барои ин аз захираҳои молиявӣ ва моддии давлатӣ истифода бурда мешавад, ки ба фаъол шудани корхонаҳо ва баланд шудани сатҳи шуғл мусоидат мекунад.

Илова бар ин, барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна, пешниҳоди имтиёзҳо барои истеҳсолкунандагон ва ташкили захираҳои стратегӣ дар бахшҳои озуқаворӣ ва энергетика метавонанд унсури сиёсати зиддибуҳронӣ бошанд. Чунин тадбирҳо на танҳо коҳиши таъсири манфии ретсессияро таъмин мекунанд, балки заминаи рушди минбаъдаи иқтисодиро низ фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, аз дидгоҳи Кейнс, дахолати фаъолонаи давлат ва истифодаи самараноки захираҳои моддӣ василаи муҳимми нигоҳдории суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар амалияи Тоҷикистон низ татбиқи барномаҳои давлатии ҳавасмандгардонии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ин равиш метавонад дар шароити ноустувории иқтисодӣ натиҷаҳои мусбат ба бор оварад.

Дар назарияи Фридрих Лист, давлат нақши калидӣ дар рушди иқтисоди миллӣ дорад. Лист бар он ақида буд, ки саноати ҷавон (infant industries) бояд тавассути сиёсати

ҳимоявӣ ва истифодаи захираҳои дохилӣ дастгирӣ шавад, то ки кишварҳои рушдёбанда тавонанд бо кишварҳои саноатии пешрафта рақобат кунанд. Ба андешаи Лист, вобастагӣ аз воридот ва нокифоягии иқтидори истеҳсолии дохилӣ метавонад мавқеи иқтисодии кишварро заиф кунад. Аз ин рӯ, давлатҳо бояд захираҳои моддии худ, аз ҷумла ашёи хом ва сарватҳои табиӣ, барои дастгирии соҳаҳои калидӣ истифода баранд ва рушди саноати дохилиро таъмин намоянд [7].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои геоиқтисодӣ, амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ мавқеи калидӣ пайдо намудааст. Тадқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки суботи молиявӣ, амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва устувории занҷирҳои таъминот пояҳои асосии амнияти давлат ба ҳисоб меравaнд. Дар ин замина, захираҳои стратегӣ - аз ҷумла сарватҳои табиӣ, иқтидори истеҳсолӣ, захираҳои молиявӣ ва зерсохтори миллӣ - воситаи муҳимми муқовимат ба бухронҳои ҷаҳонӣ ва шокҳои иқтисодӣ мебошанд.

Консепсияи рушди устувор, ки дар доираи барномаҳои United Nationsва Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs) ташаккул ёфтааст, таъкид мекунад, ки идоракунии захираҳо бояд ба ҳадафҳои дарозмуддат равона гардад. Ин раванд на танҳо рушди иқтисодиро, балки тавозуни иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро низ дар бар мегирад[8].

Ҳамзамон, назарияҳои иқтисодии устуворӣ (resilience economics) бар онанд, ки иқтисоди миллӣ бояд қобилияти мутобиқшавӣ ба шокҳои беруна, барқароршавии зуд ва нигоҳдории суботи дохилиро дошта бошад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ бояд ба ташаккули сохтори диверсификатсияшудаи иқтисодӣ, захираҳои эҳтиётӣ ва идоракунии самараноки сарватҳои миллӣ нигаронида шавад[9].

Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи оқилона ва стратегӣ-и захираҳои моддӣ ва молиявӣ шарти муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори давлат дар дарозмуддат мебошад.

Дар Тоҷикистон, ин афкор дар Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030 инъикос ёфта, захираҳои моддиро ҳамчун абзори ҳифзи истиқлолияти иқтисодӣ истифода мебарад [10].




*Расми 1 - Таҳлили динамикаи маблағгузории захираҳои моддии давлатӣ (2004-2020)*
*Сарчашма: Агенти захираҳои моддии давалтӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Таҳлили динамикаи маблағгузории захираҳои моддии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2020 имконият медиҳад, ки хусусиятҳои асосии ташаккул, тағйирёбӣ ва устувории хароҷоти буҷетӣ дар ин самти муҳимм муайян карда шаванд.

Маълумоти оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки маблағгузории захираҳои моддии давлатӣ дар тӯли давраи тадқиқшаванда таҳти таъсири маҷмуи омилҳои макроиқтисодӣ, молиявӣ ва сиёсати буҷетӣ қарор доштааст.

Дар солҳои ибтидоии таҳқиқ (2004-2006) ҳаҷми маблағгузории захираҳои моддии давлатӣ дар сатҳи хеле маҳдуд қарор дошт. Маблағҳои ҷудошуда аз 6 млн сомонӣ дар соли 2004 то 14 млн сомонӣ дар солҳои 2005-2006 афзоиш ёфтаанд. Ин нишондиҳандаҳо далолат мекунанд, ки дар ин марҳила сиёсати захиракунӣ бештар хусусияти ташаккулӣ дошта, захираҳои моддӣ ҳанӯз ҳамчун самти афзалиятноки хароҷоти буҷетӣ баррасӣ намешуданд. Афзоиши сусти маблағгузорӣ инчунин ба маҳдуд будани имкониятҳои молиявии давлат дар ин давра вобастагӣ дошт.

Солҳои 2007-2008 бо тағйирёбии нисбатан ҷиддии ҳаҷми маблағгузорӣ фарқ мекунанд. Дар соли 2007 маблағгузорӣ то 21 млн сомонӣ расида, дар соли 2008 ба 42 млн сомонӣ баробар шудааст. Ду баробар афзоиш ёфтани маблағгузорӣ дар соли 2008 нишон медиҳад, ки дар ин марҳила давлат зарурати тақвияти захираҳои моддиро ҳамчун воситаи ҳифзи устувории иқтисодӣ дарк намуда буд. Махсусан, таъсири аввалин аломатҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ нақши захираҳои давлатӣ-ро дар сиёсати буҷетӣ бештар намоён сохт.

Дар давраи 2009-2012 тамоюли устувори афзоиши маблағгузорӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳаҷми маблағҳои ҷудошуда аз 60 млн сомонӣ дар соли 2009 то 78 млн сомонӣ дар соли 2010, 75 млн сомонӣ дар соли 2011 ва 100 млн сомонӣ дар соли 2012 расидааст. Гарчанде дар баъзе солҳо коҳиши ночиз ба назар мерасад, тамоюли умумӣ мусбат боқӣ мемонад. Ин давра бо муназзам гардидани маблағгузорӣ ва ворид шудани захираҳои моддӣ ба низоми устувори банақшагирии хароҷоти давлатӣ тавсиф мегардад.

Марҳилаи солҳои 2013-2014 қуллаи маблағгузории захираҳои моддии давлатиро ташкил медиҳад. Дар соли 2013 ҳаҷми маблағгузорӣ ба 150 млн сомонӣ расида, дар соли 2014 дар сатҳи баланди 140 млн сомонӣ нигоҳ дошта шудааст. Ин солҳоро метавон ҳамчун давраи тақвияти стратегӣ арзёбӣ намуд, ки дар он захираҳои моддӣ на танҳо унсури захиравӣ, балки омили фаъоли идоракунии устувории иқтисодӣ ба ҳисоб мерафтанд. Маблағгузории баланд дар ин солҳо аз афзалиятнок гардидани сиёсати захиракунӣ дар сохтори хароҷоти давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Дар солҳои 2015-2017 тамоюли маблағгузорӣ тағйир меёбад. Гарчанде соли 2015 бо ҳаҷми нисбатан баланди маблағгузорӣ фарқ мекунад, дар солҳои 2016 ва 2017 коҳиши тадриҷӣ мушоҳида мегардад. Ҳаҷми маблағҳо аз зиёда аз 98 млн сомонӣ дар соли 2016 то тақрибан 96 млн сомонӣ дар соли 2017 коҳиш ёфтааст. Ин раванд метавонад натиҷаи маҳдуд гардидани имкониятҳои буҷетӣ, афзоиши хароҷоти иҷтимоӣ ва тағйири афзалиятҳои сиёсати давлатӣ бошад.

Дар марҳилаи охирин (2018-2020) тамоюли коҳиши муътадили маблағгузорӣ идома меёбад. Дар соли 2018 ҳаҷми маблағгузорӣ 90,6 млн сомониро ташкил дода, дар соли 2019 то 94,4 млн сомонӣ каме афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар соли 2020 маблағгузорӣ то 74,75 млн сомонӣ поин мерасад. Ин коҳиш метавонад ба таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла тағйирёбии вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявии дохилӣ вобаста бошад. Бо ин вуҷуд, нигоҳ доштани маблағгузорӣ ҳатто дар шароити коҳиш аз аҳаммияти устувори захираҳои моддии давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии маблағгузории захираҳои моддии давлатӣ дар солҳои 2004-2020 зиёда аз 607 млн сомонӣ-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда далели он аст, ки маблағгузории захираҳои моддӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти пайваста дошта, ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати буҷетии давлат баромад намудааст

Ҳамин тариқ, таҳлили динамикаи маблағгузорӣ нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти захираҳои моддии давлатӣ аз марҳилаи ташаккули ибтидоӣ ба марҳилаи афзоиши фаъол ва сипас ба марҳилаи устуворгардонии нисбӣ гузаштааст. Ин равандҳо барои арзёбии самаранокии идоракунии маблағҳои буҷетӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизми маблағгузории захираҳои моддӣ дар оянда аҳаммияти назаррас доранд.

Суръати воқеии рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт дар соли 2025 108,4 % буда, нишондиҳандаҳои истеҳсолот афзоиш ёфтаанд. Сатҳи бекорӣ дар соли 2025 дар сатҳи 2 % арзёбӣ шудааст, ки нишонаи рушди нисбатан устувор мебошад.

Ин оморҳо нишон медиҳанд, ки иқтисоди кишвар дар ҳолати рушд қарор дорад ва барои нигоҳ доштани ин суръат зарурати идоракунии самараноки захираҳои моддӣ вуҷуд дорад.

Ҳодисаҳои ҷаҳон - аз ҷумла болоравии нархҳои энергия ва норасоии баъзе молҳо - ба иқтисоди Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Масалан, сабаби норасоии сутуххои сӯзишворӣ дар бозор ва болоравии нархҳо аз таъсири амалӣ шудани ҳаводиси байналмилалӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, тайёр намудани манбаъҳои энергетикӣ, аз ҷумла нерӯгоҳи Роғун, қисми муҳимми стратегияи амнияти энергетикӣ мебошад, ки метавонад вобастагӣ аз воридотро кам кунад.

Амнияти иқтисодӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ мебошад ва вобаста ба таъмини дастрасӣ ба молҳо, суботи бозор, ва пешгирии бухронҳои иқтисодӣ аст.

**Хулоса**

Таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки масъалаи идоракунии захираҳои моддӣ бо таъмини амнияти иқтисодӣ робитаи зич дорад. Назарияҳои иқтисоддонҳои классикӣ, аз ҷумла Тюрго, Смит, Рикардо, Сэй, Маршал ва Кейнс, дар шаклҳои гуногун нақши давлатро дар танзими равандҳои иқтисодӣ ва таъмини суботи бозор асоснок менамоянд. Аз дидгоҳи ин назарияҳо, захираҳои моддии давлатӣ метавонанд ҳамчун воситаи муҳимм барои пешгирии норасоии мол, коҳиш додани хавфҳои иқтисодӣ ва нигоҳ доштани мувозинати бозор хизмат намоянд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ, захираҳои моддии давлатӣ ба яке аз унсурҳои муҳимми низоми амнияти иқтисодӣ табдил меёбанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки давлат дар ҳолатҳои бухронӣ ва фавқулода ба бозор дахолат намуда, таъминоти аҳолиро бо молҳои зарурӣ таъмин ва суботи иҷтимоӣ-иқтисодиро нигоҳ дорад.

Таҳлили таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки захираҳои моддии давлатӣ метавонад ба коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ аз омилҳои беруна, дастгирии истеҳсолоти дохилӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат намояд. Дар ин замина, такмили механизмҳои идоракунии захираҳои стратегӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи иқтисоди муосир аҳаммияти муҳимм дорад.

Ҳамин тариқ, истифодаи таҷрибаи назариявии иқтисоддонҳои классикӣ ва муосир дар ташаккули сиёсати давлатӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои моддии давлатӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Минбаъд гузаронидани тадқиқоти амалӣ ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт аҳаммияти муҳимм дорад.

*Муқарриз: Аҳмадзода Н.А.— н.и.и,, Директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

## Адабиёт


1. Turgot A. R. J. Reflections on the Formation and Distribution of Wealth / A. R. J. Turgot. - London : Kessinger Publishing, 2004. - 112 p.
2. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. - М. : Эксмо, 2007. - 960 с.
3. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения / Д. Рикардо. - М. : Директ-Медиа, 2007. - 368 с.
4. Сэй Ж.-Б. Трактат о политической экономии / Ж.-Б. Сэй. - М. : Дело, 2000. - 232 с.
5. Маршал А. Принципы экономической науки / А. Маршал. – М. : Прогресс, 1993. - Т. 1. - 416 с.
6. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж. М. Кейнс. - М. : Гелиос АРВ, 2002. - 352 с.
7. List, F. (1856). The National System of Political Economy. Philadelphia: J.B. Lippincott.
8. Our Common Future: Report of the World Commission on Environment and Development (Brundtland Report). Oxford University Press, 1987

9. Briguglio, L., Cordina, G., Farrugia, N., & Vella, S. (2009). Economic Vulnerability and Resilience: Concepts and Measurements. Oxford Development Studies, 37(3), 229-247.

10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе : Ҳукумати ҶТ, 2016. - 120 с.

11. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи омории солонаи 2025, Душанбе, 2026.

12. Ниеззода, С. С. Нақши Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. С. Ниеззода // Паёми политехникӣ. Бахши: Интеллект, Инноватсия, инвеститсия. – 2025. – No. 4(72). – P. 97-107. – DOI 10.65599/CLXJ5183. – EDN ABKHXO.

## СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ – МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ – INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Ниёззода Саиднуамони Саидхомид | Ниёззода Саиднуамони Саидхомид | Niyozzoda Saidnuamoni Saidkhomid |
| докторанти PhD соли сеюми таҳсили Институти иқтисод ва демографияи АМИТ | доктор PhD третьего курса Института экономики и демографии НАНТ. | PhD student in the third year of study at the Institute of Economics and Demography of the NAST. |
| Раёсати ташкил ва идораи захираи давалатӣ Агентии захираҳои моддии давалатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Управление организации и управления государственным резервом Агентства по государственным материальным резервам при Правительстве Республики Таджикистан | Department of Organization and Management of the State Reserve, Agency for State Material Reserves under the Government of the Republic of Tajikistan |
| E-mail: abr.0093@mail.ru | | |
| ORCID: 0009-0003-6069-5887 | | |